**СУРАТМАҶЛИСИ № 1**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059**

**01 апрели соли 2020** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 17 нафар аъзои шӯрои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, № 62 тасдиқгардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравацд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи унвонҷуйи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ Азиззода У.А., аъзои комиссияи ташхис Назаров А.Қ., Сафарзода Ҳ.С. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Азимзода Назир Бозор - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

- Қурбонзода Беҳрӯз Шариф - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ёрдамчии прокурори ш. Хуҷанди вилояти Суғд.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия - Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 4-уми июли соли 2020, соати 10.00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Сафарзода А.И.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**